***ТДУ 911***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-279-129-134***

***МУОШИРАТ ҲАМЧУН НАМУДИ МАХСУСИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИШАХСӢ ДАР СИННИ НАВРАСӢ***

***Исмоилов Шокирҷон Ғуломович***, *муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии МДТ «ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ОБЩЕНИЕ КАК ОСОБЫЙ ВИД МЕЖЛИЧНОСТНЫХ ОТНОШЕНИЙ В ПОДРОСТКОВОМ ВОЗРАСТЕ***

***Исмоилов Шокирджон Гуломович***, *старший преподаватель кафедры общей психологии ГОУ "ХГУ имени акад.Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

***COMMUNICATION AS A SPECIAL KIND OF INTERPERSONAL RELATIONSHIP IN ADOLESCENCE***

***Ismoilov Shokorjon Gulomovich,*** *Senior Lecturer of the Department of General Psychology, SEI "KhSU named after acad.B.Gafurov" (Tajikistan,Khujand)*
***E-mail:*** *azizmuhammad-98@mail.ru.*

***Калидвожаҳо:*** *муошират, муносибатҳои байнишахсӣ, наврасӣ, фаъолият, умумияти одамон, гуманизм, арзишнокӣ, муҳити иҷтимоӣ.*

*Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳим, яъне муошират ва муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ бахшида шудааст. Муаллиф нақши пешбаранда доштани муоширатро дар раванди муносибатҳои байнишахсӣ баррасӣ намуда, асоси эмотсионалии онро аломати ба худ хоси муҳимтарин шуморидааст. Системаи муносибатҳо бо муҳити иҷтимоӣ самти инкишофи психикии инкишофи наврасро муайян мекунад. Бузург будани нақши муошират дар ташаккулёбии шахсият махсусан қайд гардидааст. Муошират байнишахсӣ шарти зарурӣ будани мавҷудияти одамон, омили муҳимми ташаккулёбии функсияҳои психикӣ ва умуман шахс арзёбӣ мегардад. Ба гуманизм майл доштани наврасон мазмуни муошиpатро бо ҳамсолон муайян мекунад. Наврас вазифаҳои худмуайянкунии шахсиро дарк намуда, барои ишғоли мавқеи худ дар муносибат бо арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ фаъолӣ зоҳир мекунад. Арзишманд он аст, ки наврасии муосир дурнамои манфиатбахш будани худро барои дигарон ва манфиатбахш будани ҷомеаро барои ғанӣ гардонидани фардияти худ мефаҳмад.*

***Ключевые слова:*** *общение, межличностные отношения, подростковый возраст, активность, общность людей, гуманизм, ценностное развитие, социальная среда.*

*Данная статья посвящена одному из важнейших вопросов, а именно – общению и межличностным отношениям в подростковом возрасте. Автор рассматривает ведущую роль общения в процессе межличностных отношений и считает его эмоциональную основу важнейшим отличительным признаком. Система взаимоотношений с социальной средой определяет направление психологического развития подростка. В частности, была отмечена огромная роль общения в формировании личности. Межличностное общение оценивается как необходимое условие существования людей, важный фактор формирования психических функций и личности в целом. При этом, если человек не проявляет должного уважения к окружающим его людям, то он будет относиться к ним как к равным. Подросток осознает задачи личного самоопределения и проявляет активность, чтобы занять свое место во взаимоотношениях с социокультурными ценностями. Ценным является то, что современный подросток понимает перспективу быть полезным для других и быть полезным для общества, чтобы обогатить свою индивидуальность.*

***Key words***: *communication, interpersonal relationships, adolescence, activity, community of people, humanism, value development, social environment.*

*The given article dwells on one of the most important issues, namely communication and interpersonal relationships in adolescence. The author considers the leading role of communication in the process of interpersonal relations and considers its emotional basis to be the most important distinguishing feature. The system of relationships with the social environment determines the direction of a teenager's psychological development. In particular, the huge role of communication in personality formation was noted. Interpersonal communication is assessed as a necessary condition for human existence, an important factor in the formation of mental functions and personality as a whole. At the same time, if a person does not show proper respect to the people around him, then he will treat them as equals. The teenager is aware of the tasks of personal self-determination and is active in order to take his place in relationships with socio-cultural values. It is valuable that a modern teenager understands the prospect of being useful to others and being useful to society in order to enrich*

Муаммоҳои ба муносибатҳои байнишахсӣ тааллуқдошта чанд аср инҷониб на фақат мубрамияти худро гум намекунанд, балки барои бисёр илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ боз ҳам муҳимтар шуда истодаанд. Муносибатҳои байнишахсӣ ва имкониятҳои дар он ба даст овардани ҳамдигарфаҳмиро таҳлил намуда, бисёр муаммоҳои иҷтимоии инкишофи ҷомеа, оила ва шахси алоҳидаро фаҳмонидан мумкин аст. Муносибатҳои байнишахсӣ махсусияти ҷудонашавандаи ҳаёти одам ба шумор рафта, онҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёту фаъолият нақши назаррас доранд. Дар ин маврид сифати муносибатҳои байнишахсӣ аз муошират, аз дараҷаи ҳамдигарфаҳмии бадастоварда вобаста мебошанд.

Нақши муошират дар муносибатҳои байнишахсӣ сарфи назар аз мароқи афзудаистодаи як қатор илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ, ҳоло ҳам ба таври дилхоҳ омӯхта нашудааст. Аз ин лиҳоз, зарур шуморидем, ки дар раванди муносибатҳои байнишахсӣ маҳз нақши пешбаранда доштани муоширатро мавриди баррасӣ ва корбарӣ қарор диҳем.

Дар адабиёти иҷтимоӣ-психологӣ дар бораи он, ки муносибатҳои байнишахсӣ, пеш аз ҳама, нисбати системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар куҷо «ҷойгир аст», нуқтаҳои назари мухталиф баён мешаванд. Табиати муносибатҳои байнишахсиро дуруст фаҳмидан мумкин аст, агар онҳоро бо муносибатҳои ҷамъиятӣ дар як радиф намонда, балки дар онҳо як гурӯҳи махсуси муносибатҳоеро бинад, ки дар дохили ҳар як намуди муносибатҳои байнишахсӣ на дар беруни онҳо пайдошаванда бошанд [4, с. 23].

Табиати муносибатҳои байнишахсӣ аз табиати муносибатҳои ҷамъиятӣ фарқи назаррас дорад: аломати муҳимтарини онҳо – асоси эмотсионалӣ мебошад. Аз ҳамин сабаб, муносибатҳои байнишахсиро ҳамчун омили «иқлим»-и психологии гурӯҳҳо дида баромадан мумкин аст. Асоси эмотсионалии муносибатҳои байнишахсӣ мефаҳмонад, ки онҳо дар асоси ҳиссиёти муайяни дар муносибати одамон бо якдигар бавуҷудоянда пайдо ва ҷамъ мегарданд.

Дар наврасӣ нақши асосӣ ба системаи муқарраркунандаи муносибат бо атрофиён тааллуқ дорад. Маҳз системаи муносибатҳо бо муҳити иҷтимоӣ самти инкишофи психикии наврасро муайян мекунад. Дар амалияи педагогӣ мазмун, усул ва шаклҳои ташкил намудани фаъолияти пешбаранда ба қадри кофӣ коркард шудаанд: барои синни томактабӣ – бозӣ, барои синфҳои ибтидоӣ – таълимӣ. Дар баробари ин, масъалаи ташкил намудани муносибатҳои байнишахсӣ ва шароити зарурии инкишофи шахсият дар давраи наврасӣ ҳамчун фаъолияти пешбаранда ба қадри кофӣ коркард нашудааст.

Айни замон метавон як қатор асарҳоеро номбар кард, ки ба масъалаҳои муносибатҳои байнишахсӣ дар гурӯҳҳои наврасон бахшида шудаанд (В.С. Агеев [1-2], А.М. Бернштам [5], Т.В. Драгунова [13], В. Н. Затсепин [14], Я.Л. Коломинский [16], Т.Е. Конникова [17], Л.М. Семенюк [27-26], Д.И. Фелдштейн [24-21], ва дигарон). Сарфи назар аз гуногун будани мавқеъҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот умумӣ будани сохтори муносибатҳои байнишахсиро дар гурӯҳҳои наврасон нишон медиҳанд. Ҳарчанд муаллифон истилоҳоти гуногунро истифода баранд ҳам, онҳо се унсури асосии муайянкунандаи хусусияти муносибатҳои байнишахсиро дар гурӯҳи наврасон ҷудо мекунанд: 1) унсурҳои актометрӣ, рафторӣ, праксикӣ, функсионалӣ-нақшӣ ё фаъолиятӣ, ки рушди онҳо ба мазмуни фаъолияти муштарак вобастагӣ дорад; 2) аффективӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳанда ё эмотсионалӣ, ки мавҷудияти муносибатҳои гуногунро (корӣ, баҳодиҳанда) дар байни аъзои гурӯҳ пешниҳод менамояд; 3) маърифатӣ, гностикӣ, баҳодиҳанда, шахсӣ-маъноӣ ё ахборотӣ, ки раванди идроки мутақобила ва иҷрои функсияи иҷтимоиро аз ҷониби гурӯҳ дар бар мегирад. Дар раванди муносибатҳои байнишахсӣ муошират нақши пешбаранда дорад.

Ба ақидаи Л.С. Виготский муошират дар ташаккулёбиии шахсият нақши асосӣ мебозад: «Равандҳои олии тафаккури кӯдакон дар ҷараёни инкишофи иҷтимоии кӯдак бо роҳи ба худ интиқол додани он шаклҳои ҳамкорӣ ба амал меояд, ки кӯдак дар рафти муносибат бо муҳити атроф меомӯзад» [10, с.34]. Нақши муошират дар ташаккулёбии шахсият бузург аст ва то ҳол на ҳама паҳлуҳои ин таъсирот мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муошират бисёрҷанба ва бисёрфунксионалӣ аст, зеро тавассути он таъсиррасонӣ ва ҳамкории мутақобилаи оқилона, эмотсионалӣ ва иродавӣ дар байни одамон сурат мегирад, умумияти руҳия, афкор ва назарҳо, ки барои омодагӣ гирифтан ҷиҳати амал намудан дар самти муайян заруранд, ошкор гардида, ташаккул меёбад, муттаҳидӣ ва ҳамбастагӣ ҳамчун тавсифдиҳандаҳои асосии фаъолияти гурӯҳӣ ва коллективӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Дар муошират мубодилаи иттилоотии ҳамаҷонибаи донишҳо, муҳокимаҳо ва андешаҳо ба амал меояд; аниқкунӣ ва мувофиқакунии байниҳамии саъю кӯшиш, талабот ва ҳадафҳои одамон сурат мегирад, ҳамдигарфаҳмӣ ба амал меояд.

Муошират яке аз омилҳои муҳимми раванди мураккаби сабабияти иҷтимоии рафтори инсон мебошад. Ин зуҳурот яке аз шартҳои асосии ташаккулёбии шуур ва худшиносии шахс маҳсуб

меёбад. Муошират воситаи махсуси мубодилаи иттилоот аст (ба наврас имкон медиҳад, ки баъзе маълумотро доир ба масъалаҳои ба ҷинсият алоқаманд аз ҳамсолонаш гирад, бинобар ин, набудани муошират метавонад рушди психошаҳвонии ӯро боздорад ё дар ӯ характери носолимро ба вуҷуд оварад). Муошират як намуди махсуси муносибатҳои байнишахсӣ аст. Доштани мавқеи баробар бо ҳамсолон ҷолибияти ин соҳаи муносибатро барои наврас афзун мегардонад. Ин муқаррарот ба мазмуни ахлоқии ҳисси калонсолӣ дар наврасон мувофиқат мекунад. Тағйироти мушаххаси инкишоф, ки дар ибтидои давраи наврасӣ рух медиҳанд, монандии эҳтиёҷу саъю кӯшишҳои нав ва талаботро ба муносибат бо калонсолон ва рафиқон муайян мекунанд. Ин ба рушди муносибатҳои амиқ бо ҳамсолон мусоидат мекунад. Дар наврас арзишҳое ташаккул меёбанд, ки аз калонсолон дида  ба фаҳмиши ҳамсолони худ наздиктаранд. Муошират бо калонсолон дигар наметавонад ҷойгузини муошират бо ҳамсолон бошад. Шинохти мансубият ба гурӯҳ ва кумаки байниҳамии рафиқона ҳисси некуаҳволии эмотсионалӣ ва устувориро ба вуҷуд меорад. Ҳарчанд муошироти наврасон аксар вақт худҳохона ҳасту талабот ба худифоданамоӣ бартар аз таваҷҷуҳ ба ҳиссиёту таассуроти дигарон аст, муошират бо ҳамсолон дар давраи наврасӣ омили меҳварии инкишофи психикӣ маҳсуб меёбад.

Муошироти байнишахсӣ чун шарти зарурии мавҷудияти одамон баромад мекунад, ки бе он ташаккулёбии пурарзиши на фақат функсияҳои психикии алоҳида; равандҳо ва хусусиятҳои одам, балки боз шахс низ дар яклухтӣ имконнопазир аст. Моҳияти муошироти байнишахсӣ аз таъсири байниҳамдигарии одам бо одам иборат буда, маҳз бо ҳамин аз дигар намудҳои фаъолият фарқ мекунад. Чунин муошират на фақат ташкилдиҳандаи таркибии зарурии фаъолияти одамон, ки амалисозии он ҳамкории онҳоро дар назар дорад, балки боз шарти зарурии муътадил амалкунии умумияти онҳо ба шумор меравад.

Махсусиятҳои таъсири байниҳамдигарии байнишахсӣ дар умумияти дилхоҳ ба дараҷаи назаррас бо он асоснок карда мешавад, ки чӣ гуна аъзоёни он якдигарро дарк мекунанд ва мефаҳманд, кадом ҷалби эмотсионалӣ афзалан якдигарро даъват менамояд ва кадом тарзи рафторро интихоб мекунанд. Умумияте, ки ба он одам таалluқ дорад, маҳакҳои муошоиратро ташаккул медиҳанд, намунаҳои рафтореро инъикос мекунанд, ки бо он шахс ҳаррӯза ҳангоми таъсири байниҳамдигарӣ бо дигар одамон чӣ гуна амал карданро ёд медиҳад. Ин умумиятҳо барои дар ӯ инкишоф ёфтани баҳое таъсир мерасонад, ки иҷрокунии дигарон, муносибат ва тарзи муошират бо онҳоро муайян менамоянд.

Муошират баробари яке аз намудҳои фаъолияти одамон будан, на фақат доимо тавсифдиҳандаҳои хоси шахсиро ҳамчун объект ва субъекти муошират ошкор месозад, балки боз ба тамоми рафти ташаккулёбии минбаъдаи он, дар навбати аввал, ба чунин даври хусусиятҳое, ки дар он муносибати одам бо дигар одамон ва ба худ ифода меёбад, таъсир мерасонад. Дар навбати худ, тағйиротҳои дар одамон бавуҷудоянда зери фишори муошироти паҳншаванда то ин ё он дараҷа ба чунин хусусиятҳои пойдевории шахс, ки дар онҳо муносибати ӯ нисбати институтҳои иҷтимоии гуногун ва умумияти одамон, табиат, моликияти ҷамъиятӣ ва шахсӣ, ба меҳнат зоҳир мешавад, таъсир мерасонанд [8, с.11]. Муошират ин ташкилаи асосӣ ва марказие мебошад, ки дар он раванди воқеии ҳамкорӣ бунёд мешавад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар илмҳои гуногун ҷанбаҳои мухталифи муошират омӯхта мешавад. Масъалаҳои муҳимми назарияи умумифалсафии муошират дар асарҳои М.И. Бобнева [6], Л.Г. Буева [9], А.Б. Добрович [12], М.С. Коган [15], М.И. Ночевник [18] ва дигарон баррасӣ шудаанд. Дар психологияи умумӣ ва иҷтимоӣ масъалаи муошират мавқеи хосса дорад. Функсияҳои психологии муошират ва муошират ҳамчун механизми иҷтимоии ба роҳ мондани ҳамкории одамон дар корҳои Ю.Б. Алешина [3], С.Ф. Устименко [28], Е.В.Суканова [29], Ҳ. Ремшмидт [25] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Чун ба гуманизм майл доштанро мо дар он мебинем, ки наврас мазмуни муоширатро бо ҳамсолон муайян карда, воситаҳо ва усулҳои муоширатро мустақилона интихоб мекунад, аз ин рӯ, ташаккул додани маромнокии мувофиқи эътирофнамоии шариконро дар фаъолияти якҷоя муҳим мешуморем. То имрӯз идеяи фароҳам овардани шароити психологию педагогие, ки дар он ҳамсолони наврас имкони амалӣ намудани талаботи шахсии худро (масалан, талабот ба худсобиткунӣ, худифоданамоӣ) дар фаъолият ва муошират дошта бошанд, дар улуми педагогӣ хеле маъруф аст. Тибқи таҳқиқоти муосири психологию педагогӣ зери таъсири равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ мазмуни тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ меҳнати фоиданоки ҷамъиятиро аз маркази диққат дур карда, онро ба фаъолияти муштараке иваз намудааст, ки натиҷаи он маҳсулоти мушаххаси моддӣ нест. Сухан дар бораи моҳияти фардӣ-иҷтимоии маромҳое меравад, ки барои худифоданамоӣ, худбаҳодиҳӣ дар фаъолияти якҷоя, хоҳиши

иштирок кардан дар ин фаъолият барои инкишоф ва такмили худ, ба даст овардани мавқеи муайян дар муносибат ба рафиқон, тасдиқ кардани «Ман»-и худ, инкишоф додани мустақилият ҳамчун хислати характер заруранд. Бешубҳа, арзишманд он аст, ки навраси муосир дурнамои манфиатбахш будани худро барои дигарон ва манфиатбахш будани ҷомеаро барои ғанӣ гардонидани фардияти худ дарк мекунад. Аммо, дар баробари ин, аз як тараф, норасоӣ дар боварӣ ва эҳтироми калонсолон мушоҳида мешавад, аз тарафи дигар, барои қонеъ кардани талабот ба худвоқеиятбахшӣ имконият фароҳам оварда намешавад.

Д.И.Фелдштейн ба масъалаи характери фаъолияти пешбарандаи наврасӣ диққати махсус дода, чунин иброз медорад, ки дар инкишофи психикии наврасон фаъолияти ҷамъиятан муфид, иҷтимоан эътирофшаванда ва қабулшаванда, пардохтнашаванда мавҷуд аст.

Ҳамин тариқ, муносибатҳои байнишахсӣ ин системаи дастурҳо, мақсадгузориҳо ва интизориҳои аъзоёни гурӯҳҳо нисбати якдигар, ки бо мазмуну мундариҷа ва ташкили фаъолияти ҳамҷоя ва арзишнокиҳои муошират одамон ба он асоскардашуда муайянкардашаванда аст. Муаммои махсус ҳангоми омӯзиши байниҳамалоқамандии муошират ва муносибат ин барқарор намудани мувофиқати хусусият ва тарзҳои ифодаёбии муносибат ба шумор рафта, инчунин аҳамияти иҷтимоӣ ва системаи арзишнокиҳо низ таъсир мерасонад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Агеев, В.С. Психология межгрупповых отношений / В.С.Агеев. - М., 1984. – С.49.
2. Агеев, В.С. Содержание, структура и динамика межгрупповых представлений/ В.С. Агеев,А.А.Теньков// Вестник МГУ. – Сер. 14. Психология. - 1986. - № 1.- С. 10 - 20.
3. Алешина, Ю. Б. Индивидуальное и семейное психологическое консультирование/ Ю.Б. Алешина. - М.: Изд-во МГУ, 1994. – С.9-16.
4. Андриенко, Е.В. Социальная психология: учебное пособие для студентов пед. вузо/ Е.В. Андриенко.- М., 2000.-220 с.
5. Бернштам, А.М. Социально-психологический критерий малой группы и измерение этапов ее развития/ А.М. Бернштам: автореф. диц... канд. псих. наук . - Л., 1982. - 21 с.
6. Бобнева, М.И Социальная психология личности / отв. ред. М.И. Бобнева, Е.В. Шорохова. - М., 1979. -194 с
7. Бодалев, А.А. Восприятие и понимание человека человеком/ А.А. Бодалев. - М., 1982. – 200 с.
8. Бодалев, А.А. Психология общения/ А.А. Бодалев. Избранные психологические труды. - 3-е изд., перераб. и допол. - М.: Издательство Московского психолого-социального института; Воронеж: Издательство НПО «МОДЭК», 2002. - 320 с.
9. Буева, Л.П. Социальная среда и сознание личности/ Л.П. Буева. - М.: МГУ, 1968.-180 с.
10. Виготский, Л.С. Психология искусства/ Л.С. Виготский. - М.: Искусство, 1986. – 432.
11. Годфруа, Ж. Что такое психология: В 2-х т. Т. 2: Пер. с франц/ Ж. Годфруа. - М.: Мир, 1992. - 376 с.
12. Добрович, А.Б. Воспитателю о психологии и психогигиене общения: кн. для учителя и родителей/ А.Б. Добрович. - М.: «Просвещение»,1987.-207 с.
13. Драгунова, Т. В. Проблема конфликта в подростковом возрасте // Вопросы психологии/ Т. В Драгунова. - 1972. - № 2. - С. 25-38.
14. Зацепин, В.Н. Межличностное общение в коллективе/ В.Н. Зацепин: автореф. … канд. филос. наук. - Л., 1970. – 24 с.
15. Каган, М.С. Системный подход и гуманитарное знание/ М.С.Каган. - Л.: ЛГУ, 1991. - 384 с.
16. Коломинский, Я.Л. Психология личных взаимоотношений в детском коллективе: очерк социальной психологии школьного класса/ Я.Л. Коломинский. - Минск: Народная а света, 1969. – 240 с.
17. Конникова, Т.Е. Роль коллектива в формировании школьника/ Т.Е. Конникова.-Л.: 1970.- 409 с.
18. Ночевник, М.Н. Психология общения и бизнес/ М.Н. Ночевник.- М., 1995.-230 с.
19. Петровский, А. В. Личность. Деятельность. Коллектив/ А. В. Петровский. - М.: Политиздат, 1982. - 255 с.
20. Петровский, А. В. Проблемы развития личности с позиций социальной психологии/ А. В. Петровский // Вопросы психологии. - 1984. - № 4. - С.15 -30.
21. Проблемы психологии современного подростка / под ред. Д.И. Фельдштейна. - М., 1982. – 160 с.
22. Просецкий, П.А. Основные направления совершенствования психолого-педагогической подготовки учителя/ П.А. Просецкий// Вопросы психологии. – 1983. - №3. – С. 17-21.
23. Психологические тесты /Под ред. А.А. Карелина: В 2 т. - М.: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС,

2003. - Т.2. - 248 с.
24. Психологические условия и механизмы воспитания подростков / под ред. Д.И. Фельдштейна. - М., 1983. – 267 с.
25. Ремшмидт, Хельмут. Аутизм. Клиничские проявления, причины и лечение/ Хельмут Ремшмидт. – М.: Медицина, 2003. -120 с.
26. Семенюк, Л.М. Дифференцированный анализ агрессивного поведения подростков/ Л.М. Семенюк // Психология отклоняющегося поведения подростков. – М., 1991. – 24 с.
27. Семенюк, Л.М. Характер агрессивного поведения современных подростков/ Л.М. Семенюк// Советская педагогика. - 1991. - №3.- С.17-24.
28. Устименко, С.Ф. Межличностные отношения трудных подростков/ С.Ф Устименко // Вопросы психологии. - 1984. - № 1. – С.17-19.
29. Цуканова, Е.В. Психологические трудности межличностного общения/ Е.В. Цуканова. - Киев: Высшая школа, 1985.- 159 с.

**REFERENCES:**

1. Ageyev, V.S. Psychology of intergroup relations / V.S. Ageyev. - M., 1984. - P.49.
2. Ageyev, V.S. Content, structure and dynamics of intergroup representations / V.S. Ageyev, A.A. Tenkov // Bulletin of Moscow State University. - Series. 14. Psychology. - 1986. - No. 1.- P. 10 - 20.
3. Aleshina, Yu. B. Individual and family psychological counseling / Yu.B. Aleshina. - M.: Moscow State University, 1994. - P.9-16.
4. Andrienko, E.V. Social Psychology: manual for students of pedagogical universities / E.V. Andrienko. - M., 2000.-220 p.
5. Bernshtam, A.M. Social and psychological criterion of a small group and measurement of its development stages/A.M.Bernshtam:author's abstract...candidate of psychological sciences.-L., 1982. - 21 p.
6. Bobneva,M.I.Social psychology of personality/ed.M.I.Bobneva,E.V.Shorokhova.-M., 1979. -194 p.
7. Bodalev, A.A. Perception and understanding of man by man / A.A. Bodalev. - M., 1982. - 200 p.
8. Bodalev, A.A. Psychology of communication / A.A. Bodalev. Selected psychological works. The 3rd ed., revised. and supplemented. - M.: Publishing house of the Moscow psychological and social institute; Voronezh: MODEK, 2002. - 320 p.
9. Bueva, L.P. Social environment and consciousness of the individual / L.P. Bueva. - M.: Moscow State University, 1968.-180 p.
10. Vigotsky, L.S. Psychology of art / L.S. Vigotsky. - M.: Art, 1986. - 432.
11. Godfrua, J. What is psychology: In 2 volumes. Vol. 2: Trans. from French / J. Godfrua. - M.: Mir, 1992. - 376 p.
12. Dobrovich, A.B. To the educator about the psychology and mental hygiene of communication: a book for the teacher and parents / A.B. Dobrovich. - M.: Enlightenment, 1987.-207 p.
13. Dragunova, T.V. The problem of conflict in adolescence // Questions of psychology / T.V. Dragunova. - 1972. - No. 2. - P. 25-38.
14. Zatsepin, V.N. Interpersonal communication in a team / V.N. Zatsepin: author's abstract ... candidate of philosophical sciences. - L., 1970. - 24 p.
15. Kagan, M.S. Systems approach and humanitarian knowledge / M.S. Kagan. - L.: Leningrad State University, 1991. - 384 p.
16. Kolominsky, Ya.L. Psychology of personal relationships in a children's team: an essay on the social psychology of a school class / Ya.L. Kolominsky. - Minsk: Narodnaya a sveta, 1969. - 240 p.
17. Konnikova, T.E. The role of the team in the formation of a schoolchild / T.E. Konnikova. -L.: 1970.- 409 p.
18. Nochevnik, M.N. Psychology of communication and business / M.N. Nochevnik. - M., 1995.-230 p.
19. Petrovsky, A.V. Personality. Activity. Team / A.V. Petrovsky. - M.: Politizdat, 1982. - 255 p.
20. Petrovsky, A.V. Problems of personality development from the standpoint of social psychology / A.V. Petrovsky // Questions of psychology. - 1984. - No. 4. - P.15-30.
21. Problems of psychology of the modern teenager / edited by D.I. Feldshteyn. - M., 1982. – 160 p.
22. Prosetsky, P.A. Main directions of improving the psychological and pedagogical training of the teacher / P.A. Prosetsky // Questions of psychology. - 1983. - No. 3. - P. 17-21.
23. Psychological tests / Ed. A.A. Karelina: In 2 volumes. - M.: Humanitarian Publishing Center VLADOS, 2003. - V.2. - 248 p.
24. Psychological conditions and mechanisms of education of teenagers / edited by D.I. Feldshteyn. - M., 1983. – 267 p.

25. Remshmidt, Helmut. Autism. Clinical manifestations, causes and treatment / Helmut Remshmidt. - M.: Medicine, 2003. -120 p.
26. Semenyuk, L.M. Differentiated analysis of aggressive behavior of teenagers / L.M. Semenyuk // Psychology of deviant behavior of teenagers. - M., 1991. – 24 p.
27. Semenyuk, L.M. The nature of aggressive behavior of modern teenagers / L.M. Semenyuk // Soviet pedagogy. - 1991. - №3.- P.17-24.
28. Ustimenko S.F. Interpersonal relations of difficult teenagers / S.F. Ustimenko // Questions of psychology. - 1984. - № 1. – P.17-19.
29. Tsukanova, E.V. Psychological difficulties of interpersonal communication / E.V. Tsukanova. - Kyiv: Higher school, 1985.- 159 p.